# Дастурамал
# Оид ба пур кардани ҳисоботи байниидоравии шакли №1-«Танзим»
# «Ҳисобот дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим»

## 1. Муқаррароти умумӣ

Дастурамали мазкур мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2007, №272 «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқии давлати демократии дунявӣ ва арзишҳои миллию умумибашарӣ таҳия гардидааст.

Ҳисоботи мазкурро ҳамаи вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликияташон, ки на камтар аз 30 нафар корманд доранд, бо таъсиси комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ва комиссияҳои доимии маҳаллӣ ба комиссияҳои доимиамалкунандаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод менамоянд.

## 2. Тарзи пур кардани шакли ҳисоботи байниидоравии №1 «Танзим»

**Дар сатри 01** маълумот оиди баргузории «Хатнасур», дар сутуни 4 теъдоди маросимҳои гузаронида, дар сутуни 6 шумораи шахсони қонуншикан ва дар сутуни 7 маблағҳои харҷкардашуда (сомонӣ) дар семоҳаи ҳисоботӣ ва дар сутуни 9 аз аввали соли ҷорӣ маблағҳои харҷшуда (сомонӣ) нишон дода мешавад.

**Дар сатри 02** маълумот оиди гузаронидани маросими «Тӯйи домодию арӯсӣ», дар сутуни 4 теъдоди маросимҳои гузаронида, дар сутуни 6 шумораи шахсони қонуншикан, дар сутуни 7 ҳаҷми маблағҳои сарф кардашуда (сомонӣ) дар семоҳаи ҳисоботӣ ва дар сутуни 9 аз аввали соли ҷорӣ маблағҳои харҷшуда (сомонӣ) нишон дода мешавад.

**Дар сатри 03** маълумот оид ба «Қайди ақди никоҳ» дар сутуни 4 теъдоди маросимҳои гузаронида, дар сутуни 6 шумораи шахсони қонуншикан дар ақди никоҳ, дар сутуни 7 ҳаҷми маблағи харҷшуда (сомонӣ) дар семоҳаи ҳисоботӣ ва дар сутуни 9 аз аввали соли ҷорӣ маблағҳои харҷшуда (сомонӣ) нишон дода мешавад.

**Дар сатри 04** маълумот оид ба гузаронидани маросими «Дафн», ҳамаи сутунҳо вобаста ба ҳолатҳои ҷойдошта хонапурӣ мегарданд.

**Дар сатрҳои 05 ва 06** маълумот оиди гузаронидани «Маросимҳои чил ва сол», дар сутуни 4 теъдоди маросимҳои гузаронида, дар сутуни 6 шумораи шахсони қонуншикан, дар сутуни 7 ҳаҷми маблағҳои сарфкардашуда (сомонӣ) дар семоҳаи ҳисоботӣ ва дар сутуни 9 аз аввали соли ҷорӣ маблағҳои харҷшуда (сомонӣ) нишон дода мешаванд.

**Дар сатрҳои 07 ва 08** маълумотҳо оид ба «Шумораи чорвои калон (сар) ва чорвои хурд (сар)-и забҳшуда», дар сутуни 5 саршумори чорвои забҳшуда дар семоҳаи ҳисоботӣ ва дар сутуни 8 аз аввали сол саршумори чорвои забҳшуда нишон дода мешаванд.

**Дар сатри 09** маълумот оид ба «Қонуншиканиҳо», дар сутуни 6 шумори қонуншиканиҳо дар семоҳаи ҳисоботӣ нишон дода мешавад.

**Дар сатри 10** маълумот оид ба «Теъдоди умумии маъракаҳо ва маросимҳо», дар сутуни 4 теъдоди маросимҳо (адад) дар семоҳаи ҳисоботӣ нишон дода мешаванд.

**Дар сатри 11** маълумот оид ба «Хароҷоти умумии маъракаҳо (ба ҳисоби сомонӣ), дар сутуни 7 ҳаҷми маблағҳои сарфкардашуда (сомонӣ) дар давраи ҳисоботӣ ва дар сутуни 9 аз аввали соли ҷорӣ ҳаҷми маблағҳои сарфкардашуда (сомонӣ) нишон дода мешавад.

**Эзоҳ:** аз истифодабарандагон хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати пайдо шудани тағйироту иловаҳо оид ба шакли ҳисоботии байниидоравии шакли «№1-Танзим» ба шуъба оид ба танзими анъана ва ҷашну маросими Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.